# ПРОТОКОЛИ

чаласаи васеи шуъбаи педагогика психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

аз 25 апрели соли 2023 №5 шаҳри Душанбе

**Иштирок доштанд:**
Лутфуллоева П. – н.и.п, муовини директори ПРМ, Иматзода Л. – д.и.п., прфессор мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълим, Раҳимзода Х. – д.и.п., прфессор ходими пешбари илмии шуъба, Давлатшоев И. – н.и.п., ходими калони илмии шуъба, Ҳасанзода Ю. Ю. – ходими илмии шуъба, Назиров Н. – мудири шуъба, н.и.с., Маҳкамов Д. – н.и.п., мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии ПРМ, Ҷонмаҳмадова Г.Ш. – н.и.п., ходими пешбари илмии шуъбаи мактабҳои камнуфус ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии таҳсилоти ақаллиятҳои миллии ПРМ, Азизӣ М. – д.и.п. – роҳбари илмӣ ва Нурматова Н.Л.– диссертант.

## РӮЗНОМА:

Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Нематуллоев Муродбек Музафарович дар мавзуи «Усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат» аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

Ҷаласаро мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳ д.и.п., профессор Иматзода Л.М. кушода, иброз намуданд, ки дар **рӯзномаи ҷаласа муҳокимаи рисолаи илмии унвонҷӯи муассиса** Тоҷикистон Нематуллоев Муродбек Музафарович дар мавзуи «Усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат» пешбинӣ гардидааст.

**Роҳбари илмии** унвонҷӯ доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Азизӣ Муҳаммадалӣ Миралӣ мебошанд.

**Рисолаи илмиро муқарризон** Гулмадов Ф. - доктори илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи педагогика ва таҳсилоти муосири Академияи таҳсилоти Тоҷикистон; Лутфуллоева П. – номзади илмҳои педагогӣ, муовини директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ва Ҷонмаҳмадова Г. – номзади илмҳои педагогӣ, ходими калони шуъбаи мактабҳои камнуфуси Пажӯҳишгоҳ рисолаи илмиро таҳлил ва арзёбӣ намуданд.

Сухан барои баён намудани мазмуни мухтасари рисолаи худ ба унвонҷӯ дода мешавад. Унвонҷӯ оид ба мубрамият, аҳмияти илмию амалии таҳқиқот асоснок карда шудааст, мақсаду вазифаҳо, объект, предмет ва мавзӯи таҳқиқот муайян карда шудаанд, фарзия ба таври дақиқ ва мухтасар ифода карда шудааст, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, методҳои тадқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада мухтасар маъруза кард.

Қайд гардид, ки ҷомеае, ки ба сифати таълим ва рушди зеҳният такя менамояд, хусусиятҳои воқеиро касб намуда, нақши омили ниҳоиро дар ташаккули он «сармояи инсонӣ» - шахсони соҳибмаълумот ва соҳибтаҷриба ишғол менамоянд. Дар чунин ҷомеа диққати махсус ба лаёқатмандӣ ва боистеъдодӣ дар марҳилаҳои гуногуни ҳаёти инсон дода мешавад.

**Мақсади таҳқиқот** муайян намудани усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон тавассути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат ба ҳисоб меравад.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот** – усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон тавассути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат.

**Фарзияи таҳқиқот:** қобилияти зеҳнии хонандагон дар дарсҳои иловагӣ ташаккул меёбанд, агар:

- ҳамоҳангии таҳсилоти асосӣ ва иловагӣ дар доираи нақшаву барномаҳои таълимӣ таълимӣ таъмин гардад;
- банақшагирии дарсҳои иловагӣ тибқи талаботи санитариву гигиенӣ таҳия гардида, аз лиҳози педагогиву психологӣ асоснок гардонида шавад;
- ташаккул ва рушди зеҳнии хонандагон ҳамчун ҳадафи махсуси дарсҳои иловагӣ пазируфта шавад;
- шароити мусоиди таълимиву методӣ ва илмиву педагогии раванди дарсҳои иловагӣ фароҳам оварда шавад;
- принсипҳои ихтиёрӣ ва интихоби озоди дарсҳои иловагӣ аз ҷониби хонандагон риоя гардад.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

- усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон тавассути дарсҳои иловагӣ муайян карда шуданд;
- самаранокии ташкили дарсҳои иловагӣ дар таъмини сифати таҳсилоти хонандагони болаёқат дар шароити гимназия ошкор карда шуд;

- мазмун ва мундариҷаи таҳсилоти иловагӣ дар гимназия бо роҳи ворид намудани компонентҳои нави таълимӣ ғанӣ гардонида шуд;
- ҳамгироии дарсҳои асосӣ ва дарсҳои иловагӣ дар гимназия аз лиҳози илмиву назариявӣ асоснок карда шуд;
- модели таълимии самараноки таъминкунандаи дастовардҳои таълимии хонандагон тавассути омӯзиши амиқи фанҳо дар дарсҳои иловагӣ таҳия ва татбиқ гардад.

Боби якум **“Асосҳои назариявии дарёфт ва рушди қобилияти зеҳнии хонандагони болаёқат”** аз се фасл иборат буда, дар ин фаслҳо масъалаҳои лаёқатмандии хонандагон дар низоми муосири таҳсилот, усулҳои инноватсионии психологӣ ва педагогии дарёфти хонандаи болаёқат вобаста ба гуногунии навъҳои лаёқатмандӣ, инчунин принсипҳои асосии таълими хонандагони болаёқат мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар ин қисмат назари олимони ватаниву хориҷӣ доир ба падидаи лаёқатмандӣ, навъҳои он, роҳу усулҳои дарёфт ва кашфи кӯдакони болаёқат оварда шуда, назарияҳои гуногун қиёс гардидаанд.

Боби дуюм – “**Таълими иловагӣ ҳамчун омили рушди зеҳнии хонандагони болаёқат”** ном гирифта, дар он низоми банақшагирии таълими иловагӣ барои хонандагони болаёқат дар Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шуда, масъалаи такмили донишу маҳорати хонандагони болаёқат дар ҷараёни таълими иловагӣ ва низоми омодасозии хонандагон ба олимпиадаҳои фаннӣ ва озмунҳои зеҳнӣ тавассути таълими иловагӣ дар Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе баррасӣ гардидааст. Ҳамзамон, дар фасли чоруми ин боб муаллиф натиҷаи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба самаранокии ташкили раванди таълими иловагиро оварда, онро арзёбӣ намудааст.

Дар охир тавсияҳо барои истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар амал пешниҳод гардид.

Ба унвонҷӯ саволҳо пешниҳод гардиданд ва ба саволҳо ҷавобҳои мувофиқ дода шуд.

**Сухан ба роҳбари илмӣ Азизӣ Муҳаммадалӣ дода мешавад (тақриз замима мегардад).**

**Сухан ба муқарризони кори диссертатсионӣ:** Дар баромад муқарризони кори диссертатсионӣ Гулмадов Ф. - доктори илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи педагогика ва таҳсилоти муосири Академияи таҳсилоти Тоҷикистон; Лутфуллоева П. – номзади илмҳои педагогӣ, муовини директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ва Ҷонмаҳмадова Г. – номзади илмҳои педагогӣ, ходими калони шуъбаи мактабҳои камнуфуси Пажӯҳишгоҳ рисолаи илмиро мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор дода, Ҷонмаҳмадова Г., Хасанзода Ю. дар маҷмуъ корро анҷомёфта ҳисобида, баъди анҷоми ислоҳи тағйиротҳои ҷузъӣ ба ҳимоя пешниҳод намуданд (тақризҳои муқарризон замима мегардад).

Ҷаласаи васеи шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ дар асоси фикру мулоҳизаҳои пешниҳодшуда

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Нематуллоев Муродбек Музафарович дар мавзуи «Усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат» кори мустақилона бaанҷомрасида, ҳисобида шуда, ба ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мувофиқ мебошад.

2 Ба диссертант Нематуллоев Муродбек Музафарович супориш дода шавад, ки дар муҳлати муайян ҳамаи пешниҳоди муқарризони расмӣ ва ғайрирасмиро мавриди баррасӣ қарор дода, тағироту иловаҳоро ба рисола ворид созад.

3. Дар маҷмуъ кор анҷомёфта ҳисобида шуда, барои дифоъ ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳод карда шавад.

Дар ҷаласа иштирок доштанд - 8 нафар.
Қарор бо як овоз қабул шуд.
«Тарафдор» - 7 нафар.
«Зид»- нест.
«Бетараф»-нест.

Раиси ҷаласа, доктори илмҳои педагогӣ, профессор мудири шуъбаи педагогика, психологияи ва методикаи таълими ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ — Иматзода Л.

Котиби ҷаласа, ходими илмии шуъбаи педагогика, психологияи ва методикаи таълими ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ — Ҳасанзода Ю.

Имзои Иматзода Л. ва Ҳасанзода Ю. тасдиқ менамоям.

Мудири шуъбаи кадрҳои ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ — Ҳакимова Х.

ШУЪБАИ КАДРҲО